**Тақриз**

**ба рисолаи номзадии Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик**

Лоиқ Шералӣ симои дурахшон ва мондагор дар адабиёти муосири тоҷик буда, осори ӯ баёнгари аҳдофи миллӣ ва худогоҳию хештаншиносии ҳамзамонон мебошад. Лоиқ бо масъулияти бузурги иҷтимоӣ ва ҳунарӣ дар пешрафти адабиёти муосир ва ҷараёни адабии нимаи дувуми садаи XX нақши созанда гузошта, ашъораш ифодагари ҳунар, завқу андеша ва тозакориҳо дар шеъри муосири тоҷик аст.

Лоиқ аз огози фаъолияташ ба муҳити адабӣ ҳамчун шоири навҷӯ ва пурандеша ворид шуда, бо падидаи тозаи ҳунарӣ, завқу тахайюлоти шӯрангез дар шеъри муосири тоҷик ворид гардид. Тадқиқ ва тарзу тариқи ҷустуҷӯҳои бадеии шоир, арзёбии тозакориҳои адабӣ ва ҳунарӣ, мантиқи ташаккули истеъдод, алоқаи эҷодиёт бо ақоиду андешаи иҷтимоиву фарҳангиву ҳунарӣ ва ҳаёти ҷамъиятиву адабии нимаи дувуми садаи бист ва огози асри равон, гуногунрангии жанрии эҷодиёт ва махсусияти ҷараёни ташаккул ва таҳаввули ашъори ӯ аз масоили мухими накди адабиётшиносии муосири точик аст.

Тадқиқ ва таҳқиқи ҷустуҷӯҳои бадеии шоир, падидаҳои ҳунарии ӯ ва афкори иҷтимоию фарҳангиаш бо сабку шеваи гуногунранги жанрию услубӣ дер боз диққати аҳли илму адабро ба худ ҷалб намудааст. Махсусияти мундариҷавию шаклӣ ва ғоявии осори шоир дар адабиётшиносии муосир то андозае аз ҷониби як қатор адабиётшиносон таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, дар мабнои ҷараёни адабӣ бо диди тозаи накди адабӣ арзёбӣ шудани осори Лоиқ, масъалаҳои фардияти эҷодӣ ва ҷусторҳои гоявию ҳунарии ашъори ӯ, таҳаввулоти мундариҷавӣ ва шаклӣ аз вазифаҳои арзишманди накди адабӣ маҳсуб меёбад.

Диссертант Раҳимов Х.Б. дар асоси сарчашмаҳо ва маводи пурарзиши тадқиқотӣ ва муҳокимаю муқоисаи афкори мухталифи илмию назарӣ дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» тадқиқоти пурарзиши илмӣ анҷом додааст. Муҳиммияти тадқиқоти ӯ аз он иборат аст, ки дар баробари муайян кардани ҷойгоҳи ҳунарӣ ва адабии Лоиқ Шералӣ ва вижагиҳои вазъи адабии нимаи дувуми асри XX дар шеъри муосири тоҷик, ҳамзамон ба падидаҳои ҳунарии эҷодиёти Лоиқ ва хусусияти фардии сабки эҷодиёти ӯ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Муаллифи рисола дар мабнои консепсияи мушаххаси илмӣ ба масоили осори Лоиқ , навҷӯиҳо дар навъҳои шеъри ӯ, тасвиркории ҳунарӣ ва вижагиҳои ашъори ӯ андешаҳои муҳими илмӣ баён кардааст. Фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи хунарии Лоиқро дар таърихи адабиёти муосири тоҷик дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар заминаи рӯйдодҳои зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ равшан сохта, на фақат бо тарзи нигориш, балки тавассути идроки амиқи падидахои ҳунарӣ фардияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунариашро муайян намуда, мақом ва ҷойгоҳи ӯро дар ҷараёни адабӣ таъин кардааст.

Дар мабнои ҷараёни адабӣ арзёбӣ кардани мундариҷаи ғоявӣ ва хусусияти бадеии ашъори Лоиқ , нишон додани алоқаи таҷрибаи бадеии шоир бо тамоюлҳои идеологӣ ва адабӣ, саҳми шоир дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик, арзёбии шеъри шоир ҳамчун маҷмӯи таркибҳои шакливу мундариҷавӣ ва зебошинохтӣ, суннатҳо ва навовариҳои Лоиқ дар шаклу мундариҷаи шеъри тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳим ва арзишманди накди адабӣ маҳсуб мeёбад.

Дар рисола ба тозагӣ мавзӯи фардияти эҷодии Лоиқ ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабӣ ҳамчун шоири ҷӯянда, суннатгаро ва навовар муайян шуда, дар заминаи таҷрибаи эҷодии шоир заминаи дидгоҳҳои фардии эҷодӣ, хусусияти шакливу мундариҷавӣ ва усулҳои бадеии тасвиркориҳои ӯро муайян намудаст.

Афкори назарии тадкикот бо далел ва асноди илмӣ, дарки хусусияти хоси тафаккури бадеӣ ва фардияти эҷодии Лоиқ ифода ёфта, осори шоир таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонунияти назарӣ ва амалии инъикоси бадеии масъалаҳои мавриди назар муайян ва мушаххас гардидааст.

Дар боби аввали рисола «Вазъи адабии солҳои шастуми садаи бист ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ» вазъи иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии солҳои шастуми садаи бист ва хусусияти эҷодии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ муайян щудааст. Табиист, ки масъалаи инъикоси воқеиятҳои замон дар эҷодиёти солҳои ҳафтоду ҳаштоди садаи бист ва таҳаввулот дар шаклу мундариҷаи осори шоир ҷолиби диққат буда, тарзи фарогирии воқеият ҳунари шоирро ошкор месозад. Бинобар ин, муаллифи рисола дар заминаи рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии солҳои ҳафтоду ҳаштод ва санадҳои зиндагиномаи шоир кӯшиш намудааст, ки зинаҳои ташаккули фардияти эҷодӣ ва ҷусторхои ҳунарии Лоиқро аз назари тадқиқ гузаронида, ба масъалаҳои мубрами эҷодиёти шоир дар муқоиса бо муосиронаш таваҷҷуҳ зохир намояд, то ки пайравӣ ва корбасти суннатҳои волои сухангустариро дар шаклгирии фардияти эҷодии ӯ таҷассум созад.

Аз ҷониби дигар, маҷмӯи мушкилоти иҷтимоиву таърихӣ ва ҷамъиятию адабӣ аз бисёр ҷиҳат ҷустуҷӯҳо ва хусусияти бадеии осори Лоиқро муайян месозад. Беҳуда нест, ки ашъори ин давраи шоир бо оҳанги амиқи фалсафаи зиндагӣ ва ормонҳои миллиро фароҳам овардааст. Илова бар ин, корбурди жанрҳои гуногун дар эҷодиёти шоир масъалаи суннатгароӣ ва навовариро ба миён гузошта, бо равиши хос ва навҷӯиҳо хусусияти шакливу мундариҷавиро муайян намудааст, ки ифодагари хоси тафаккури бадеӣ ва фардияти эҷодии ӯ мебошад..

Дар боби дуюми рисола «Хусусияти эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ» мавзӯоти шеъри Лоиқ ва биниши фардии ӯ, дар инъикоси ин ё он

мавзӯъ таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, масъалаи гароиш ба шеъри асилро матраҳ месозад. Муаллиф доир ба ҳунар, андеша ва мақсади эҷодӣ, шахсияти шоирии Лоиқ ва муҳтавои шеъри ӯ бо аснод ва мисолҳои мушаххас ибрози андеша намуда, бар хилофи тасвири иҷтимоигарои солҳои чилу панҷоҳ ва ибтидои шаст, ки таҷрибаҳои дастҷамъиро фақат тавсиф карда, бо таҳлили иттилоотӣ ва тавсифӣ сурат мегирифт, таҳқиқи нақди шеър, фардияти ашъор ва хусусияти хоси ҳунари бадеиро ошкор сохтааст. Ба ин мақсад аз аввалин қадамҳои эҷодкориаш ҳувияти фардияшро дар шинохти воқеият муайян карда, дар таҳлили шеъри «Ном» нигариши хос ва фардияташро ошкор сохтааст. Мавзӯъ, андеша ва натиҷагирии ахлоқӣ дар шеъри «Ном» ҷузъе аз таҷрибаи зиндагӣ ва руҳии шоир буда, бо эҳсоси куллии шеър ҳамранг гардидааст.

Дар рисола паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъ таҳлил ва арзёбӣ шуда, ҷаҳонбинӣ ва ҳунари Лоиқ дар инъикоси мавзӯъҳои ишқӣ мушаххас гардидааст. Аз назари муаллифи рисола биниш ва тафаккури лирикии шоир, эҳсоси воҳид ва таҷрибаи шеърӣ ҳамчун як ришта дар осори вай дар заминаи мавзӯъҳои гуногун тасвирҳоро ба ҳам пайваста, сохтори даруниии шеърҳои ӯро бунёд сохта, масолеҳ ва аҷзои шеърро дар партави як нури отифӣ ранг мепазирад ва дар пайкараи шеър ҷой медиҳад. Ин тарзи тасвир дар эҷодиёти Лоиқ тадриҷан ташаккул ва таҳаввул ёфта, шеъри ӯро аз муҳтавогароӣ мераҳонад, тасвирҳо ва мазмунҳоро ба ҳам пайванд сохта, чеҳраи шоирии Лоиқро мушаххас ва муайян месозад.

Дар ин боби рисола тамоюли худшиносии таърихӣ ва ҳувиятшиносии миллиро дар эҷодиёти Лоиқ таҳлили шеърҳои ба таърих ва шахсиятҳои таърихӣ бахшидаи ӯ тақвият мебахшад. Ин гуна шеърҳо ҷузъи эҳсос ва андешаи шоир буда, консепсияи ҳувиятшиносии миллиро дар эҷодиёти шоир мушаххас сохтааст. Лоиқ ба василаи ин шеърҳо бо эҳсосу андешаи амиқ ва биниши густурда воқеияти таърих ва мушаххасоти рӯзгори чеҳраҳои таърихиро аз муҳтавои айнии он берун

кашида, ба он рухияи ҳуввият ва худшиносии миллӣ бахшидааст. Ба андешаи соҳибрисола чунин бозҷустҳои амиқ ва ҳунармандонаи таърихӣ заминасози амиқрафти биниши худшиносии таърихӣ, ҳувият ва дарёфти худогохии миллӣ гардид.

Рисола дар асоси сарчашмаҳо ва маводи тадқиқотии ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Лоиқ анҷомёфта, муқоисаи намунаҳои осори шоирону нависандагони муосир ва таҳлили таълифоти гуногуни илмӣ ва тадқиқотӣ сурат гирифтааст.

Сохтор ва мундариҷаи рисола ба талабот ҷавобгӯ буда, таҳқиқи мавзӯи мушаххаси илмӣ ба анҷом расидааст. Фаслу бобҳои рисола мақсаднок номгузорӣ шуда, аз муҳиммият ва пурарзишии тадқиқот дарак медиҳанд.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллиф бар асоси манобеи пурарзиши назарӣ ва тадқиқотӣ сурат гирифта, дар маҷмӯъ ҷанбаҳои мушаххаси эҷодиёти шоирро равшан месозад. Манбаъ ва осори илмию бадеи фаровон истифода гардида, низоми корбурди он тибқи талабот сурат гирифтааст.

Дар ҳамин асос, рисолаи номзадии Раҳимов Х.Б. дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» тибқи талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомёфта ҳисобида, барои дифоъ ба Шӯрои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Абдусамад Муллоев
доктори илмҳои филология, профессори
кафедраи Назария ва таърихи адабиёти тоҷик

Имзои Абдусамад Муллоевро тасдиқ мекунам;
Сардори Идораи кадрҳои ДДОТ ба номи
С. Айнӣ Д. Назаров

25.09.2018